Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст!
Носири Хусрав

# Фурӯғ



Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**20 феврали соли 2026. № 4 (590)** **Почтаи электронӣ:** furugh2000@mail.ru

## Сухани рӯз

**Артиши миллӣ якҷо бо ҳайати шахсии дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, истиқлолу озодии давлати тоҷикон, марзу буми Ватани аҷдодӣ, амнияту суботи мамлакат ва зиндагии осудаву ороми мардуми кишварро ҳамчун сипари боэътимод ҳимоя менамоянд.**

*Эмомалӣ РАҲМОН*

# АРТИШИ МИЛЛӢ – СИПАРИ БОЭЪТИМОДИ ДАВЛАТДОРӢ

**Сухани табрикотии ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, профессор Қурбонзода М.Р. ба ифтихори Рӯзи таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Таърихи башарият гувоҳӣ медиҳад, ки давлатҳо аксаран ба сарбозони тавоно эҳтиёҷ доштанд ва барои таъмини амнияти шаҳрвандону ҳифзи марзҳояшон ҷузъу томҳои мухталифи лашкар созмон медоданд. Тибқи сарчашмаҳои илмӣ дар замони давлатдории аҷдодони ориётабори мо, аз ҷумла Куруши Кабир дорои чунин лашкари далеру ҷасур буданд.***



Дар асоси таҳқиқи бостоншиносон Искандари Македонӣ лашкари истилогари худро дар заминаи низому оини ҳарбии лашкари неруманди Куруши Кабир ва Дорои I бунёд гузоша будааст. Сулолаи Сомониён дар ибтидои ба сари қудрат омадан Артиши миллии хешро бо дастуру оинномаҳои қавии низомӣ созмон дода буданд. Дар адабиёти оламгири мо, бахусус дар “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ вожаи “гурд” ба маънии паҳлавон, далеру шуҷоъ, ватанпарвару инсондӯст омада, аз қаҳрамонию диловарӣ, садоқату сарсупурдагии онҳо ба халқу Ватан ва лашкари он қиссаҳо зикр гардидаанд.

Бо гузашти рӯзгор ва дар идомаи ҳамин анъанаҳои ватанпарастонаи ниёгони ориёиамон, баъди ҳазорсолаҳои охир барои миллати тоҷик тантана намудани адолати таърих, яъне ба Истиқлоли давлатӣ соҳиб гардидан ва бо ташаббусу ибтикори Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллӣ ташкил шуд, ки яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, 18 декабри соли 1992 бо имзои Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии навташкили Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармон дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Ин санад заминаи ҳуқуқии таъсиси Артиши миллиро фароҳам овард. Дар як муддати кӯтоҳ, бо талошҳои пайгиронаи роҳбарияти давлат, Артиши миллӣ пурраву комил гардида, аввалин намоиши низомии он 23 феврали соли 1993 дар майдони “Дӯстӣ”-и шаҳри Душанбе баргузор гардид ва минбаъд ҳамасола рӯзи 23 феврал расман ҳамчун Рӯзи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил карда мешавад.

Хушбахтона, дар давоми 33 соли гузашта бо роҳбарии бевоситаи Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Генерали Артиш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллӣ ба яке аз неруҳои беҳтарини минтақа табдил ёфтааст ва баҳри ҳифзи якпорчагии Тоҷикистони соҳибистиқлол омода ва қавӣ мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошта буданд, ки: “Мо ба Қувваҳои Мусаллаҳи кишварамон эътимоди комил дорем ва медонем, ки онҳо минбаъд низ истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро ҳамчун сипари боэътимод ҳимоя мекунанд”.

Бо таваҷҷуҳи доимии Пешвои муаззами миллат имрӯз Артиши миллӣ ба марҳалаи сифатан нав ворид гардида, ҷузъу томҳои он бо техникаву таҷҳизоти муосири ҳарбӣ таъмин шуда, шароити хизмат барои афсарону сарбозон пайваста беҳтар мегардад, сатҳи омодагии ҷангӣ боло рафта, ҳамзамон тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон ҳамчун омили муҳимми таҳкими пояҳои давлатдорӣ тақвият меёбад. Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави сиёсати сулҳҷӯёна ва хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат бо дигар ниҳодҳои қудратӣ ҳамкории самарабахш дошта, барои пешгирии таҳдиду хатарҳои замони муосир, аз ҷумла терроризм, ифротгароӣ ва ҷиноятҳои фаромиллӣ, омодаанд.

Ҳамин тавр, таҷлили Рӯзи таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо арҷгузорӣ ба далериву фидокории хизматчиёни ҳарбӣ, балки гиромидошти сиёсати оқилона ва дурандешонаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки бо заҳмати пайгирона ва муҳаббати самимӣ ба Ватан артиши миллиро ба як ниҳоди пуриқтидор ва боэътимоди давлат табдил додаанд.

Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ҳамчун маркази бузурги илмию тахассусӣ зиёда аз 20 ҳазор ҷавонони беҳтарини кишварро ба таълиму тарбия фаро гирифтааст. Қайд намудан зарур аст, ки Артиши миллӣ на танҳо неруи ҳифзи марзу буми кишвар, балки мактаби бузурги ҷасорат, матонат, худшиносии миллӣ ва садоқат ба Ватан маҳсуб ёфта, хизмат дар сафи он мояи ифтихори ҳар як ҷавонмарди бонангу номус мебошад, зеро ин хизмат рисолати муқаддаси ҳифзи сулҳ, оромӣ ва ояндаи дурахшони Тоҷикистонро ифода мекунад. Аз ин рӯ, ҳар сол хатмкунандагони зиёди донишгоҳ, аз ҷумлаи ҷавонони бонангу ор ихтиёран барои хизмат ба сафҳои Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мегарданд ва қарзи фарзандии худро дар назди Ватан-Модар сарбаландона адо менамоянд.

Дар охир, бо эҳтирому ифтихори бузурги ватандориву ватанпарастӣ, хизматчиёни шуҷоъи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамаи иштирокдорони ин ҷаъомади тантанавиро ба муносибати 33-юмин солгарди таҷлили Рӯзи таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик гуфта, барояшон саломатию руҳи шикастнопазир ва комёбиҳои нав ба навро дар роҳи хизмати содиқона ба Ватан-Модар таманно менамоям. Бигзор, Артиши миллии Тоҷикистон ҳамеша пуриқтидор, поянда ва боэътимод боқӣ монда, зери роҳбарии хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон парчами сулҳ, ваҳдат ва амнияти миллиро парафшонтар нигоҳ дорад.

**33-юмин солгарди таҷлили Рӯзи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бод!**

## ДАР ИН ШУМОРА:

ТАҶЛИЛИ БОТАНТАНАИ РӮЗИ АРТИШ ДАР ДОНИШГОҲ
Саҳ. 2

ОМӮЗГОРОН СОҲИБИ ДИПЛОМИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ГАРДИДАНД
Саҳ. 3

АНДЕШАҲОИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ПАНДУ АХЛОҚӢ ДАР «ШОҲНОМА»


Саҳ. 4

ПОЯИ ДАВЛАТ НАБОШАД БЕ МАОРИФ УСТУВОР

Саҳ. 5

РАҚАМИСОЗӢ – ОМИЛИ ТАҲАВВУЛОТИ СТРАТЕГӢ
Саҳ. 6

МОҲИЯТИ ҲАМКОРИҲОИ МАКТАБ, ОИЛА ВА ҶОМЕА
Саҳ. 7

ОЯНДАИ НАҚЛИЁТ ВА ЛОГИСТИКА

Саҳ. 8




# Рӯйдодҳои ҳафт рӯзи донишгоҳ

## ТАҶЛИЛИ БОТАНТАНАИ РӮЗИ АРТИШ ДАР ДОНИШГОҲ

*Санаи 18-уми феврали соли равон бо ташаббуси факултети педагогика ва варзиш дар майдони варзишии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бахшида ба 33-юмин солгарди Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабинии тантанавӣ доир гардид. Дар чорабинӣ Раёсат, муовинони ректор, деканони факултетҳо, сардорони созмонҳои ҷамъиятӣ ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок намуданд.*



Дар оғози чорабини муовини аввали ректор оид ба таълим Хурсанд Ҳамдамзода ҳозиринро ба фарорасии ин санаи муҳими таърихӣ табрику таҳният гуфта, иброз дошт, ки таҷлили Рӯзи таъсисёбии Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо арҷгузорӣ ба далериву фидокории хизматчиёни ҳарбӣ, балки гиромидошти сиёсати оқилона ва дурандешонаи Пешвои муззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки бо заҳмати пайгирона ва муҳаббати самимӣ Артиши миллиро ба як ниҳоди пуриқтидор ва боэътимоди давлат табдил доданд.

Таъкид гардид, ки Артиши миллӣ на танҳо неруи ҳифзи марзу буми кишвар, балки мактаби бузурги ҷасорат, матонат, худшиносии миллӣ ва садоқат ба Ватан маҳсуб ёфта, хизмат дар сафи он мояи ифтихори ҳар як ҷавонмарди бонангу номус мебошад. Аз ин рӯ, ҳар сол хатмкунандагони донишгоҳ, аз ҷумлаи ҷавонони бонангу ор ихтиёран барои хизмат ба сафҳои Артиши миллӣ шомил мегарданд ва қарзи фарзандии худро дар назди Ватан – Модар сарбаландона адо менамоянд.

Сипас, як қатор омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ барои саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас ва хизматҳои содиқона бо Ифтихорнома ва Сипоснома Раёсати донишгоҳ қадрдонӣ шуданд.

Дар чорабинии тантанавӣ аз ҷониби донишҷӯёни ихтисоси дифои ҳарбии факултети педагогика ва варзиш машқҳои элементӣ, намоиши ҷанги тан ба тан, арҷгузорӣ ба Парчами миллӣ намоиш дода шуданд. Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ ҳунармандони Театри вилоятии мусиқӣ – мазҳакавӣ ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар бо суруду тароноҳои ватандӯстона табъи ҳозиринро болида гардониданд.




## ВОХӮРИИ СУДМАНД БО ОМӮЗГОРОНУ ДОНИШҶӮЁН

*Санаи 6-уми феврали соли равон дар толори кохи фарҳанги Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо мақсади шарҳу тавзеҳи мазмуну муҳтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар, пешгирии ҷинояту ҷиноятҳорӣ, аз ҷумла зухуроти номатлуби экстремизм ва терроризм вохӯрии судманд бо иштироки омӯзгорону донишҷӯён доир гардид.*

Ҷамъомад бо сухани ифтитоҳии Наргис Нурализода, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ оғоз гардид. Гуфта шуд, ки тарбияи ахлоқӣ калиди муҳими муқовимат ба экстремизм аст. Пешвои миллат дар Паёми имсолаи худ таъкид намуданд, ки тарбияи ахлоқии насли ҷавон ва пешгирии онҳо аз фаъолияти экстремистӣ вазифаи муҳими давлат ва ҷомеа мебошад. Ин суханони Сарвари давлат нишон медиҳанд, ки ахлоқи нек ва худшиносӣ силоҳи асосӣ барои онҳое ҳаст, ки мехоҳанд ҷавононро фиреб диҳанд.

Сипас, Садриддин Наҷмиддинзода - судяи Суди вилояти Хатлон доир ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Фарҳод Абдуллозода- судяи Суди вилояти Хатлон дар мавзуи «Пешгирии ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ миёни ҷавонон ва ноболиғон» ва Набизода Эмомалӣ - мудири шуъбаи тарбияи донишгоҳ суханронӣ намуданд.

Баромадкунандагон таъкид намуданд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон, тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва итоат ба қонун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ маҳсуб меёбад. Тарбияи ахлоқии ҷавонон омили калидии пешгирии ҷалби онҳо ба фаъолияти экстремистӣ ва террористӣ мебошад, зеро арзишҳои маънавӣ ва ватандӯстӣ онҳоро аз таъсири манфии гурӯҳҳои тундрав ҳифз мекунад.

Таъкид гардид, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки хатари ифротгароӣ зиёд шудааст, ин тарбия бояд дар оила, мактаб ва ҷомеа якҷоя амалӣ гардад. Ҳаргиз нагузоред ахлоқи некро аз даст диҳед, ростгӯӣ, эҳтиром ба дигарон ва таҳаммулпазирӣ калиди зиндагии осоишта аст.

Дар чорабинӣ ба донишҷӯён оид ба оқибатҳои ҳуқуқии қонуншиканӣ ва роҳҳои пешгирии ҷиноятҳорӣ маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

## ЧОРАБИНИИ ИТТИЛООТӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БО САВДОИ ОДАМОН

*Дар толори Кохи фарҳанги Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 18-уми феврали соли равон бо мақсади иҷрои “Нақшаи миллии муқовимат бо савдои одамон барои солҳои 2025-2027” ҷиҳати бурдани корҳои фаҳмондадиҳӣ бахри пешгирӣ аз савдои одамон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ бо омӯзгорону донишҷӯён чорабинии иттилоотӣ доир гардид.*



Дар ҷамъомад Бобоҷон Ҷаҳонгир - сардори Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бухоризода Беҳрӯз - намояндаи Комиссияи байниидоравӣ оид ба муқовимат бо савдои одамони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафарзода Фаррухҷон - сармутахассиси Раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдаки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамшед Ҳайдаров - намояндаи дафтари САҲА иштирок ва суханронӣ намуданд.

Баромадкунандагон зимни суҳбат оид ба савдои одамон дар ҷаҳон ҳамчун ҷинояти вазнин ва махсусан вазнини поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон андешаронӣ намуданд. Зикр намуданд, ки савдои одамон дар микёси байналмилалӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва поймолкунандаи ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф шудааст. Гурӯҳҳо ва ташкилотҳои муташаккили ҷиноятқор бо мақсади роҳандозии ҳадафҳои ҷиноятқорона ба савдои одамон даст зада, нафарони зиёдро ба ҳавасмандкунии молиявӣ, ҷалб намудан ба меҳнат ва музди маоши баланд дар давлатҳои хориҷӣ фирефта карда, ҳадафҳои нопоки худро амалӣ менамоянд.

Аз омӯзгорону донишҷӯён даъват ба амал оварда шуд, ки дар ҳолатҳои дучор шудан ба зӯроварии хонаводагӣ ва ё шоҳиди савдои одамон гардидан фавран ба мақомотҳое, ки бевосита ба субъектҳои пешгирикунандаи зӯроварӣ дохил мешаванд, хабар диҳанд ва дар муносибатҳои ҷамъиятӣ эҳтиёткор буда, зиракиро аз даст надиҳанд.

## СӮҲБАТ - ВОХӮРӢ БО ИСТИҚОМАТКУНАНДАГОНИ ХОБГОҲ

*Тибқи нақша-чорабиниҳои шуъбаи тарбия санаи 12-уми феврали соли ҷорӣ дар хобгоҳи нави донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав корҳои фаҳмондадиҳӣ бо мақсади тозагии ҳуҷраҳои зист, роҳравҳо, ҷойҳои истифодаи умумӣ, истифодаи самараноки вақт, оид ба пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва риояи талаботи қонунгузорӣ баргузор гардид.*

Дар сӯҳбат- вохӯрӣ муовини ректор оид ба корҳои тарбия, сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси донишгоҳ, мудири шуъбаи тарбияи донишгоҳ ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок ва суханронӣ намуданд.

Иштирокдорон таъкид намуданд, ки қоидаҳои дохили хобгоҳ, сари вақт ҳозир шудан ба хобгоҳ, тозагии манзилу муҳит, рафтори намунавӣ бо кормандон ва мутассадиён, иштирок дар чорабиниҳои бахши хобгоҳ аз ҷониби донишҷӯён бе ягон мамоният бояд риоя карда шаванд. Аз донишҷӯён даъват ба амал оварда шуд, ки корҳои неку созанда ва ниятҳои неку бунёдкоронаро пешаи худ кунанд, гирду атрофи хобгоҳ ва дар умум муассисаро тозаву озода нигоҳ дошта, намунаи ибрат барои дигарон бошанд.

Дар фарҷоми вохӯрӣ донишҷӯён гуфтаҳои намояндагонро ба инобат гирифта, иброз доштанд, ки дар фаъолияти рӯзмарраашон ин пешниҳодҳоро сармашқи кори худ хоҳанд кард.

# ДАВРИ МУАССИСАВИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ “ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ”



*Санаи 17-уми феврали соли равон дар толори китобхонаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав даври муассисавии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон доир гардид.*

Чорабинӣ бо сухани ифтитоҳии Ҳукмиддин Сафарбекзода- муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи донишгоҳ оғоз гардид. Таъкид гардид, ки имрӯзҳо дар донишгоҳ тамоми шароитҳо барои омода гардидани довталабони озмун муҳайё карда шудааст. Китобхонаи анъанавӣ ва электронӣ пайваста пайи хидмати донишомӯзон омода буда, китобу адабиётҳои заруриро барои мутолиа таъмин аст.

Сипас, Рустам Тағаймуродов - раиси комиссияи даври донишгоҳии озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, Муҳаббат Маҳмадалиева - котиби даври донишгоҳии озмун ва Раҳмонов Маҳмудӣ - муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети филологияи тоҷик, ҳамзамон ғолиби озмуни мазкур андешаронӣ намуданд.

Иброз гардид, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо роҳбарӣ ва сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди анъанаи китобдориву китобхониро яке аз самтҳои умдаи сиёсати фарҳангӣ қарор додаанд, ки ҳамасола дар кишвар озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ташкил ва баргузор мегарданд. Маврид ба ёдоварист, ки Озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” яке аз ташаббусҳои муҳимми дурбинона ва ояндасози ҳукумати кишварамон ба ҳисоб рафта, баҳри таҳким бахшидани дониш, завқи китобхонӣ, густариши ҷаҳонбинии илмӣ ва рушди босуботи Тоҷикистони азизамон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар муасссиса озмун шафоф баргузор шуда, иштирокчиён дар он фаъолона ширкат варзиданд ва аз ҷониби аъзои ҳакамон беҳтаринҳо ба даври шаҳрии озмун роҳхат гирифтанд.

# СЕМИНАРИ ТАЪЛИМӢ - ОМӮЗИШӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ТАЪСИСЁБИИ АРТИШИ МИЛЛӢ

*Санаи 14-уми феврали соли ҷорӣ дар факултети педагогика ва варзиши Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав семинари таълимӣ-омӯзишӣ дар мавзуи «Усулҳои муосири ташкили тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ», бахшида ба 33-юмин солгарди Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.*

Дар семинар декани факултети педагогика ва варзиш, мудири шуъбаи технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ, омодагии ибтидоии ҳарбӣ, такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилот ва дигарон суханронӣ намуданд.

Давлатзода Сарвиноз дар мавзуи «Мушкилоти педагогии ташаккули худшиносии миллӣ ва тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ», Давлатбекзода Вайсиддин - муовини декан оид ба илм ва инноватсия дар мавзуи «Роҳҳои муосири ташкили тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ» ва Ваҳоббов Аббос - муовини декан оид ба таълим дар мавзуи «Такмили методикаи тарбияи ҳарбӣ - ватандӯстӣ дар шароити ҷомеаи муосир» маъруза намуданд.

Баромадкунандагон таъкид намуданд, ки усулҳои муосири тарбияи ҳарбӣ – ватандӯстӣ бояд ба талаботи даврони муосир ва вазифаҳои кафедраҳои ҳарбӣ ҳамоҳанг бошанд, то донишҷӯён на танҳо дониш, балки малакаҳои амалии шаҳрвандиро низ ба даст оранд. Ин семинар ҳамчун қадами муҳим дар самти такмили барномаҳои педагогӣ арзёбӣ гардид, ки ба рушди насли ҷавон мусоидат мекунад.





Семинар ба баррасии асосҳои назариявӣ, шароитҳои ташкилӣ – педагогӣ ва технологияҳои муосир нигаронида шуда, фаъолияти донишҷӯёнро дар самти ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва омодагии ҳарбӣ баланд бардошт.

Дар охир, як гурӯҳ донишҷӯёни фаъол, ки дар мусобиқаҳои варзишӣ ҷойҳои намоён гирифта буданд, аз ҷониби садорати факултет қадрдонӣ шуданд.

# ОМӮЗГОРОН СОҲИБИ ДИПЛОМИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ГАРДИДАНД

*Санаи 11-уми феврали соли равон дар толори диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав маросими тақдими дипломҳо ба омӯзгорон- хатмкунандагони курси такмили ихтисос аз рӯи равияи “Усулҳои фаъоли таълим” баргузор гардид.*

Дар маросими дипломсупорӣ кормандони Донишкадаи таълими ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок намуда, ба 40 нафар омӯзгорону устодон диплом тақдим намуданд.

Зимни ҷамъбасти курси такмили ихтисос таъкид гардид, ки чунин курсҳо барои баланд бардоштани малакаи касбӣ ва сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аҳамияти калон доранд.



Гуфта шуд, ки такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф аз қисмҳои муҳимтарини низоми таҳсилот ба шумор рафта, дар баланд бардоштани сифати таҳсилот ва маҳорати касбии омӯзгорон нақши муҳим дорад.

Иброз гардид, ки бахши сифати таҳсилот дар меҳвари таваҷҷуҳи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад ва ҳамчун мақоми пешбарандаи сиёсати маориф ва баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон, роҳандозӣ намудани усулҳои нави таълим таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Ёдовар бояд шуд, ки аз 15-ум то 31-уми январи соли равон як гурӯҳ омӯзгорони донишгоҳ ҷиҳати сайқал додани маҳорати касбии хеш, қавӣ гардонидани донишҳои педагогӣ, бартараф намудани мушкилоти мавҷудаи соҳа ва роҳҳои такмил додани донишҳои педагогию психологӣ ба курси такмили ихтисос ҷалб шуда буданд.

*Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аз бузургтарин шуарои ниёгони мост, ки бо эҷоди «Шоҳнома»-и безаволаш дар тамаддуну фарҳанги ҷаҳонӣ маъруфияти беназир ёфтааст. Тақдими "Шоҳнома"-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳар як оилаи тоҷик тӯҳфаи қиммматбаҳо буда, он дар эҳёи фарҳангу тамаддун ва устувории давлати миллӣ нақши калидӣ дорад.*




# АНДЕШАҲОИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ПАНДУ АХЛОҚӢ ДАР «ШОҲНОМА»

Роҷеъ ба масъалаи арзиши бузурги ин шоҳасари ҷаҳонӣ академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби "Тоҷикон" чунин андешаҳо баён кардааст: "Шоҳнома" –и Фирдавсӣ аз ҷиҳати арзиши бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои хамосаи адабиёти ҷаҳон қарор гирифтааст". Ин шоири нотакрор бо таълифи асари беназири хеш дар миёни мардуми фарҳангсолори эронинажод ва дунё маҳбубият дорад.

Муҳтаво ва мундариҷаи ин хамосаи ҷаҳониро масъалаҳои меҳанпарастӣ, ватандӯстӣ, сулҳу осоиштагӣ, хираду инсонгароӣ фарогир мебошад. Дарунмоя ва ҷавҳари ин шоҳкории бузургро масоили хулқу тарбияи нек, тарбияи афроди бедордил, иттиҳоду якпорчагӣ, адлу инсоф ташкил медиҳад.

Фирдавсӣ ифтихори миллати мутамаддини тоҷик буда, дар радифи машҳуртарин суханварони Шарқу Ғарб дохил гардидааст. Тазаккур бояд дод, ки дар ин хамосаи қаҳрамонию паҳлавонӣ фикрҳои таълимию тарбиявӣ, андарзу насиҳатӣ ва фарҳангию иҷтимоӣ хеле фаровон инъикос ёфтаанд. Суханвари беназир дар ҷараёни тасвири воқеаҳо ва муносибатҳои инсонӣ афкори пешқадаму пандомӯзро бахри тарбияи ҷавонон баён намудааст ва асрҳо боз дар тарбияи ахлоқию инсонгароии наслҳои гуногун хизмати арзишмандеро анҷом медиҳад.

Масъалаҳои ватандӯстию инсонгароии "Шоҳнома" ба афкори ахлоқии бисёр халқу миллатҳо таъсири амиқ гузоштааст. Алалхусус, таъсирпазирии он ба шоири гурҷӣ Шота Руставели ва асари ӯ «Паҳлавони палангинапӯш» баръало эҳсос мешавад.

Масоили ватандӯстӣ, тарбиявиву ахлоқӣ ва панду ҳикмат дар замони имрӯз дорои аҳамияти бузург буда, наслҳои ояндасози миллатро дар руҳияи шуҷоату далерӣ, дӯст доштани кишвар ва ҳимояи марзу буми он роҳнамоӣ менамояд. Шоир ҷавононро ғаюру нотарс ва боnангу номӯсро даъват мекунад, ки барои ҳифозати ватан ва шаъну шарафи миллат ҷони хешро нисор намоянд.

Донишманди номӣ, профессор Худой Шарифзода роҷеъ ба масъалаи мавқеи панду андарз дар "Шоҳнома" чунин назари андеша дорад: "Абёти ҳикматомез, зарбулмасал ва гуфтор аз таҷрибаи рӯзгори паҳлавонон ва саросари зиндагии мардумон, шахсият ва гуфтору рафтори қаҳрамонон сарбасар ҳамагӣ намунаи панд аст, то кас бихонаду бахра гирад. Гузашта аз ин, бунёди саросарии пандомӯз дар "Шоҳнома" андарзҳои зиёде ба забони шоҳон, паҳлавонон, ҳакимону донишмандону мӯбадон нақлу тасвир шудаанд...".

Дар воқеъ "Шоҳнома" моломоли панду ҳикмат аст ва шоир бунёди тарбияи инсонро дар пайравии дину мазҳаб медонад. Суханвари бузург мардумро ба сӯйи омӯзиши илмҳои динию дунявӣ раҳнамоӣ менамояд. Нақши ашхоси хирадманду муътабарро дар тарбияи инсон хеле муҳим мешуморад. Танҳо илму дониш инсонро аз вартаи ноумедиҳо раҳой мебахшад.

Мавзуи илм ва ҷойгоҳи донишомӯзӣ дар ин шоҳкории бузург нақши асосӣ дорад. Зеро ба андешаи шоир тани инсон ба ҷон зинда буда, аз ин ҷавҳари ҳастӣ дунёи маънавии афрод такомулу тавсия меёбад. Шоир борҳо таъкид мекунад, ки илму дониш дили одамонро фараҳмандӣ бахшида, онҳоро аз хислатҳои ношоиста ва аъмоли бад ҳифз медорад. Аз ин ҷиҳат, ҷавононро ба омӯзиши илму дониш роҳнамоӣ карда, одамони кавдану бадахлоқро мавриди мазаммат қарор додааст. Ӯ дар он ақида аст, ки наслҳои ҷавон бештар ба илмомӯзӣ машғул шуда, панду насиҳати аҳли илму хирадро дар зиндагӣ дар ҷои аввал гузоранд.

Фирдавсӣ дар тарбияи кӯдакону наврасон хулқу атвори пасти одамиро ба монанди бадӣ, чизпарастӣ, пурхӯрӣ, айбҷӯиву пургӯӣ, тамаъкорию бахилӣ ва амсоли инҳоро ҳадафи танқид қарор додааст. Шоири тавоно дар ин номаи бузург дар масоили гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ андарзҳои ҷовидона баён доштааст. Аз ҷумла, ба мавзуи тандурустӣ дахл карда, саломативу сиҳатии одамиро ганҷи ноёби зиндагӣ мешуморад ва бахри ҳифзи он дастурҳои судманд додааст.

Ӯ менигорад, ки ҳифзи молу чиз ва аз меъёр зиёд тановул кардан инсонро хору залил мегардонад. Дар афкору таълимоти ахлоқии шоир натанҳо васфу ситоиши одобу ахлоқи ҳамида тасвир ёфтааст, балки дар андешаҳои насиҳатиаш хулқу атвори ношоистаи одамиро низ мазаммат намудааст. Шоир дар ин порчаи шеърӣ рафтор ва гуфтори нолоиқи шахсони такаббуру худписандро мавриди мазаммат мегирад.

Фирдавсӣ ҳамчун нобиғаи сухан дар "Шоҳнома" ба тарбияи шахсият ва инсонгароӣ диққати хосса медиҳад ва ба қадру қимати каломи гуҳарбор арҷгузорӣ кардааст. Дар мавқеи сухангӯйӣ меъёри андозаро нигоҳ доштааст, зеро бадзабониву бадсуханӣ обрӯву нуфузи инсониро коҳиш медиҳад.



**Лоиқ Собирзода, омӯзгори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик**

*Ватан, пеш аз ҳама эҳсос, худшиносӣ ва масъулияти маънавии инсон аст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат андешаи «Дар ватан будан бе ёди ватан беватан аст» ҳақиқати талх, вале бисёр воқеиро ифода мекунад. Ин андеша инсонро водор месозад, ки на ҷойи зист, балки муносибати худро бо ватан бозбинӣ намояд.*

# ВАТАНДӮСТӢ ТАНҲО ЭҲСОС НЕСТ



Имрӯз дар ҷаҳони пуртағйир бисёре аз арзишҳо зери фишори равандҳои глобалӣ қарор доранд. Забон, фарҳанг, анъана ва хотираи таърихӣ тадриҷан ҷойи худро ба фарҳанги бегона медиҳанд. Дар чунин шароит инсон метавонад ҷисман дар ватан бошад, аммо фикран ва рӯҳан аз он дур гардад. Фаромӯш кардани гузашта, бетафовутӣ нисбат ба имрӯзу фардои кишвар ва канорагирӣ аз масъулияти шаҳрвандӣ нишонаҳои равшани беватанӣ мебошанд. Ёди ватан аз худшиносӣ оғоз меёбад. Касе, ки таърихи миллаташро намедонад, арзишҳои миллиро эҳтиром намекунад ва ба забони модарӣ беэътиноӣ зоҳир менамояд, оҳиста - оҳиста робитаи маънавии худро бо ватан гум мекунад. Забон - сутуни асосии ҳастии миллат аст. Бо суст шудани мавқеи забон, эҳсоси ватандорӣ низ заиф мегардад.

Аз ин рӯ, пос доштани забони модарӣ яке аз шаклҳои муҳимтарини ёди ватан мебошад. Ватандӯстӣ танҳо эҳсос нест, балки амали бошуурона ва пайваста аст. Ин мафҳум дар меҳнати ҳалол, риояи қонун, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва саҳм гузоштан дар пешрафти кишвар таҷассум меёбад. Ватан танҳо макони ҷуғрофӣ нест, балки муҳити ташаккули шахсият, забон, фарҳанг ва худшиносии инсон мебошад.

Дӯст доштани ватан дар асл эҳтиром ба неъматҳое мебошад, ки инсонро ба камол расондаанд. Шахсе, ки ватанашро дӯст медорад, нисбат ба ҷомеа бетараф намемонад, манфиати умумро болотар аз манфиати шахсӣ мегузорад ва худро дар назди миллат масъул эҳсос мекунад.

Тарбияи ватандӯстӣ яке аз самтҳои калидии ташаккули ҷомеаи солим ва давлати устувор ба шумор меравад. Бе шаҳрвандони дорои эҳсоси баланди муҳаббат ба ватан, масъулиятшиносӣ ва худшиносии миллӣ пешрафти пойдории кишвар ғайриимкон аст. Ватандӯстӣ бояд на танҳо ҳамчун шиор, балки ҳамчун арзиши зиндагӣ дар шуури шаҳрвандон ҷой гирад.

Тарбияи ватандӯстӣ аз оила оғоз меёбад. Маҳз дар муҳити оила кӯдак бо забони модарӣ, фарҳанг, таърих ва арзишҳои миллӣ ошно мешавад. Вақте падару модар ба ватан эҳтиром мегузоранд, аз таърихи миллат бо ифтихор ёд мекунанд ва масъулиятшиносанд, ин муносибат ба фарзандон низ мегузарад. Оила бояд муҳаббат ба ватанро на бо маҷбуркунӣ, балки бо намунаи шахсӣ талқин намояд. Мактаб ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷойи асосии ташаккули ҷаҳонбинии шаҳрванд мебошанд. Дар раванди таълим бояд таърихи воқеии миллат, қаҳрамонони миллӣ, фарҳанг ва забони давлатӣ бо усулҳои ҷолиб ва замонавӣ омӯзонда шаванд.

Фарҳанг ва адабиёт воситаҳои пурқудратидори таъсир ба шуури ҷомеа мебошанд. Асарҳои адабӣ, шеър, мусиқӣ, театр ва кино метавонанд муҳаббат ба ватанро дар дилҳо зинда намоянд. Ташвиқи осори классикон ва адибони муосир, ки арзишҳои миллӣ ва ватандӯстиро тарғиб мекунанд, дар ин самт нақши муҳим дорад.

Имрӯз расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар шаклгирии афкори ҷамъиятӣ таъсири бузург доранд. Барои тарбияи ватандӯстӣ зарур аст паҳн намудани маводи босифат дар бораи таърих ва дастовардҳои кишвар, муаррифии намунаҳои мусбати хизмат ба ватан, муқовимат ба иттилооти бардурӯғ ва ғояҳои бегона. Мундариҷаи ватандӯстона бояд бо забони фаҳмо ва шакли ҷолиб пешниҳод гардад, то махсусан барои ҷавонон қобили қабул бошад.

Ватандӯстӣ дар амал ташаккул меёбад, ҷалби шаҳрвандон ба корҳои ҷамъиятӣ, ихтиёрӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ эҳсоси масъулиятро тақвият медиҳад. Вақте шахс дар ободии маҳалла, деҳа ё шаҳр саҳм мегузорад, робитаи ӯ бо ватан қавитар мегардад. Тарбияи ватандӯстӣ танҳо бо сухан имконпазир нест. Адолати иҷтимоӣ, қонуният ва намунаи шахсии масъулон омили калидӣ мебошанд. Вақте шаҳрванд мебинад, ки қонун барои ҳама яксон амал мекунад ва манфиати умум ҳифз мешавад, эътимод ба давлат ва муҳаббат ба ватан афзоиш меёбад.

Нақши ҷавонон дар зинда нигоҳ доштани ёди ватан ниҳоят бузург аст. Ояндаи ҳар миллат аз сатҳи худшиносӣ, маърифат ва ҷаҳонбинии насли ҷавон вобаста мебошад. Агар ҷавонон арзишҳои миллиро нодида гиранд, танҳо ба манфиатҳои шахсӣ биандешанд ва худро аз ҷомеа ҷудо созанд, пайванди носолим мегарданд. Дар чунин ҳолат хатар на дар муҳоҷират, балки дар фаромӯшии решаҳои миллӣ зуҳур мекунад. Ҷавоне, ки ватани худро намешиносад, дар ҳеҷ ҷо худро комилан соҳибхона ҳис намекунад. Дар баробари ин, ёди ватан маънои онро надорад, ки инсон танҳо бо ифтихор аз гузашта қонеъ шавад.

Ватандӯстӣ бояд ба оянда нигаронида шавад. Ободии кишвар, рушди илм, маориф, иқтисод ва фарҳанг натиҷаи меҳнати ватандӯстонаи шаҳрвандон аст. Ҳар кас дар ҷои худ омӯзгор, табиб, деҳқон, муҳандис, корманди давлатӣ ё соҳибкор метавонад бо иҷрои софдилонаи вазифаи худ ба ватану миллат хизмат намояд. Маҳз ҳамин хизмат ёди зиндаи ватанро нигоҳ медорад.



**Аъзам Мирзозода, саромӯзгори кафедраи фаъолияти гумрукӣ**

# ПОЯИ ДАВЛАТ НАБОШАД БЕ МАОРИФ УСТУВОР

***Омӯзгор дар рушду нумӯ ва иқтидору устувории кишвар нақши бузург дорад. Албатта, пешаи омӯзгорӣ таъмингари шуои илму маърифати ҷомеа аст. Муҳаммади Риҷоӣ зикр менамояд, ки «Муаллимӣ шуғл нест. Муаллимӣ ишқ аст. Агар онро чун воситаи рӯзгузаронӣ интихоб намудӣ, раҳояш кун. Агар ишқи туст, муборак бошад».***



Дар ҷомеаи имрӯза, ки рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо сатҳи таълим ва рушднокии насли наврас зич алоқаманд аст, нақши омӯзгорон неруҳои пешбаранда дар парвариши дониш ва тафаккур беш аз ҳарвақта муҳим аст. Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор" ҳимояи шаъну шарафи омӯзгор, кафолатҳои иҷтимоӣ ва таъмини иҷрои самараноки уҳдадориҳои омӯзгорро муқаррар менамояд, ҳамчун муқаррароти махсус ба мақоми омӯзгор равона шудааст.

Дар меҳвари сиёсати маориф, омӯзгор ҳамчун хишти асосӣ ва арзиши азалии таълим дониста мешавад. Дар шароите, ки ҷаҳони муосир бо таҳаввулоти технологӣ, глобализатсия ва талаботи нав ба маҳорат ва дониш рӯбарӯ аст, омӯзгор бояд аз ҷиҳати фаннӣ, педагогӣ ва ахлоқӣ доим такмил ёбад. Ин талабот роҳи сиёсати давлатӣ гардида, дар асоси он омода гардидани мутахассисони соҳаи маорифро ба хотири таъмини сатҳи баланд ва устувор талаб мекунад. Азбаски омӯзгор машъалафрӯзи ҷаҳони маънавӣ ва нурбахши зиндагӣ маҳсуб мешавад, ин рисолат ӯро дар ҷомеа сазовори обрӯ ва эҳтироми хоса гардонидааст.

Омӯзгор, пеш аз ҳама, афрӯзандаи ҷароғи дурахшони илму дониш аст ва хушбахтона, қисми асосии зиёиёни кишварро омӯзгорон ташкил медиҳанд. Бинобар ин, вазифаи асосии омӯзгор, дар баробари омӯзонидани илму дониш, инчунин таълими одоб ва ҳидояту раҳнамоии шогирдон ба роҳи рост мебошад. Ин амр бояд ба меъёри ахлоқии фаъолияти муаллим табдил ёбад.

Ҳақ ба ҷониби Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки фармудаанд: «Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад, зеро тақдири насли ояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст». Яъне омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд нақши асосӣ дорад ва ҳамчун раҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи миллат, масъул аст.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҳарчи бештари наврасон ва ҷавонони лаёқатманд, донишҷӯёну аспирантон, роҳбарони илмии онҳо, омӯзгорони фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дигар имтиёзҳо барои омӯзгорони чунин муассисаҳо, бахусус, омӯзгорони ҷавон, масъалаи зиёд намудани музди маош, стипендияҳо ва зиёд намудани шумораи онҳоро ба миён гузошт, ки далели ғамхории пайвастаи давлату Ҳукумат ба соҳаи илм, алалхусус омода намудани кадрҳои илмии ҷавобгӯи талаботи имрӯзи ҷомеа мебошанд.

Дар ин замина қонуни пешниҳодшаванда таъкид мекунад, ки омӯзгор бояд дар сатҳи касбӣ ва методӣ мунтазам рушд ёбад, амалияву назарияро муттаҳид кунад ва эътимоди ҷомеаро ба ин касб тақвият бахшад. Аз ин ҷиҳат, омӯзгор на танҳо меҳнаткунанда, балки тарбиятгар, роҳнамо ва мисол ба шумор меравад ки тавассути корҳои оддӣ, баробар бо таъсиргузорӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии наслҳо мебошад.

Мақоми омӯзгор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, сиёсатҳои маориф ва амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ ёд мешавад. Омӯзгорон ҳақ доранд, ки дар тарзи касбӣ худ фаъолият кунанд, аз дахолати ғайриқонунии шахсони сеюм озод бошанд ва муносибатҳои волои касбии онҳоро ҳимоя кунанд.

Давлат барои омӯзгорон кафолатҳои иҷтимоӣ монанди маоши муносиб, шароити корӣ, имкони рушд ва такмили ихтисосро пешниҳод намудааст. Аз ҷониби омӯзгор низ уҳдадоранд, ки: барномаҳои таълимро сари вақт омода намоянд, маҳорати касбиашро мунтазам такмил диҳад, равандҳои таълимиро бо назардошти таҷриба ва ташаббус идора кунад, тарбияи наслро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва ҳуқуқи инсон таъмин намояд.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки дар замони Истиқлоли давлатӣ вобаста ба соҳаи маориф як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумат, консепсияву низомнома, стандартҳои давлатӣ, стратегияҳои миллӣ ва дастурамалҳо ба тасвиб расидаанд, ки метавонанд барои фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди соҳа мусоидат намоянд. Дар роҳи ин амал омӯзгорон, муассисаҳои таълимӣ ва умуман ҷомеа бояд ҳамкории фаъоли худро баён намоянд ва бо истифода аз имкониятҳо ва кафолатҳое, ки қонун медиҳад, ояндаи дурахшонеро барои наврасону ҷавонон ба вуҷуд оранд.



**Фатҳулло Баҳодуров,**
**омӯзгори кафедраи экологияи умумӣ, факултети химия ва биология**

# АРТИШИ МИЛЛӢ – РУКНИ АСОСИИ ДАВЛАТ ВА МИЛЛАТ

***Аз таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки зодаи Истиқлоли давлатист 33 сол сипарӣ мешавад. Ҳоло бо гузашти се даҳсола Артиши миллӣ ба сипари боэътимоди давлат табдил ёфтааст.***



Ҳамасола яке аз санаҳои муҳим дар таърихи давлатдории навини Тоҷикистони соҳибистиқлол Рӯзи таъсисёбии Артиши миллӣ мебошад, дар кишвар бо шукӯҳи хосса таҷлил мегардад. Рӯзи Артиши миллӣ дар ҳоле таҷлил карда мешавад, ки сокинони мамлакат зери рӯҳбаландӣ ва таассуротҳои бузурги Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, ҷиҳати амалӣ намудани нишондодҳо ва ҳадафҳои асосии он ҷаҳду талош намуда истодаанд.

Рӯзи 23-юми феврали соли 1993 дар пойтахти кишвар шаҳри Душанбе, бори нахуст роҳпаймоии ҳарбӣ баргузор гардид, ки он рӯз расман санаи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд. Ҳукумати кишвар бо вуҷуди мушкилоти зиёди иқтисодиву молиявӣ ҳанӯз аз марҳалаҳои аввали таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ ба таҷдиду азнавсозии инфрасохтор ва таъсиси ҷузъу томҳои махсус гардонидашуда эътибори махсус дода, дар баробари таъминоти онҳо бо техникаву таҷҳизоти муосир, ба омодасозии кадрҳои баландихтисоси низомӣ шурӯъ намуд.

Афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои душворӣ (1992-1997) ва шиддат гирифтани вазъи минтақаву ҷаҳон қарзи ватандории хешро садоқатмандона иҷро намуда, дар роҳи ба эътидол овардани вазъият, таъмини сулҳу субот ва безарар гардонидани гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ рисолати фарзандиву шаҳрвандии худро ба таври шоиста адо мекарданд.

Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерали артиш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд,"Қувваҳои Мусаллаҳ кафили амнияту якпорчагии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон буда, хизматчиёни ҳарбии ҷузъу томҳои низомӣ дар ҳифзи марзу буми Ватан, таъмини амнияти давлат ва зиндагии осудаи сокинони кишвар саҳми бузург дорад. Ҳар як афсару сарбози шуҷои кишвар, ҳамчун сипари боэътимоди Ватан дар иҷрои вазифаҳои хизматиашон бояд ҳамеша ҳушёру зирак бошанд ва ҳаргиз фаромӯш накунанд, ки фазои орому осудаи имрӯзаи Тоҷикистони соҳибистиқлол бар ивази ҷони садҳо нафар ҷавонмардони бо нангу номуси миллат бадаст омадааст. Илова бар ин, ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки мардуми Тоҷикистон бо хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи худ ифтихор намуда, дар симои ҳар яки онҳо фарзандони далеру шуҷои Ватани азизамонро мебинанд ва бовар доранд, ки онҳо ба савганди ҳарбии худ ҳамеша содиқу вафодор мемонанд". Ҳар ҷавон бо хизмати содиқона бояд исбот намояд, ки Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар ҳақиқат сипари боэътимоди давлат, ҳимоятгари сокинони кишвар ва сулҳу ваҳдат дар ҷомеа мебошад.



**Насиба Ҳотамова,**
**омӯзгори кафедраи фалсафа, факултети сиёсат ва идораи давлатӣ**

# САҲМИ САРМОЯГУЗОРИИ ДАВЛАТӢ БАРОИ РУШДИ ИҚТИСОД

***Сармоягузоӣ яке аз ҷузъҳои муҳими иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, он аз рушди истеҳсолоти дилхоҳ давлат вобастагии мустақим дорад.***

Аз рӯи далелҳо дар доираи назарияҳои рушди иқтисод сармоягузорӣ хоҳ давлатӣ бошад ва ё хоҳ хусусӣ, дар қатори захираҳои табиӣ, қувваи корӣ ва бахусус, технология яке аз нишондиҳандаи муҳимми иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, бе афзоиши он истифодаи самараноки дигар омилҳои рушди истеҳсолот ғайриимкон мебошад.

Чи тавре таърихи тамаддун гувоҳӣ медиҳад саҳми сармоягузории давлатӣ барои тараққиёти иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум нақши бузург дорад. Инчунин, сармоягузории давлатӣ омили калидии рушди устувори иқтисодӣ буда, тавассути бунёди инфрасохтори муосир, таъмини шуғли аҳолӣ ва ҷалби бахши хусусӣ заминаи истеҳсолотро мустаҳкам мекунад. Ин сармояҳо боиси баланд шудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, афзоиши даромади буҷа ва беҳтар шудани сифати зиндагӣ мегардад.

Мисоли равшани он дар рушди босуботи иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Шарқӣ, ба монанди Ҷопон, Индонезия, Малайзия ва Тайланд мушоҳида мешавад. Ҳукуматҳои ин кишварҳо дар баробари таъмини муҳити муътадилу мусоиди макроиқтисодӣ ва ривоҷ додани бахши хусусӣ, барои рушди инфрасохтори соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт сармоягузориҳои зиёд равона кардаанд, ки дар натиҷа ба онҳо муяссар гашт тули даҳсолаҳо рушди устувори иқтисодиро нигоҳ доранд. Аз ҷумла, ҳукумати Ҷопон дар доираи Барномаи сармоягузорӣ ва қарздиҳии давлатӣ дар таҷдиду тараққиёти бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз қабили истеҳсолоти металлургӣ, энергетика, киштисозӣ, мошинсозӣ, электроника, кимиё, сармоягузорӣ ба соҳаҳои илму маориф ва технологияҳои нав, инчунин, тавассути додани имтиёзҳои тарифӣ ва субсидияҳо саҳми зиёд гузоштааст. Маблағҳои барномаи мазкур, ки асосан аз пасандозҳои ҷалбшудаи аҳолӣ дар бонкҳои амонатии давлатӣ ташкил ёфта, аз пардохтҳои андозӣ озод буданд, барои рушди бахшҳои дар боло зикргардида тавассути Бонки рушди Ҷопон сармоягузорӣ мегардиданд.

Пӯшида нест, ки қисми зиёди сармоягузории давлатӣ барои таҷдиди инфрасохтор (нақлиёт, алоқа, иқтидорҳои энергетикӣ) рост меояд, ки дар рушди дарозмуддати иқтисодӣ аҳамияти зиёд дорад. Чуноне, ки маълум аст, ба сармоягузории давлатӣ чун анъана он хароҷоте дохил мешавад, ки ба андухти сармояи асосии иқтисодиёт, ки аҳамияти стратегӣ дорад, равона шудааст.

Илова ба ин, хусусияти муҳимми сармоягузории давлатӣ дар рушди иқтисод он аст, ки тавассути татбиқи лоиҳаи инфрасохторӣ талаботи бозори меҳнат ба қувваи корӣ меафзояд, сатҳи хизматрасонӣ ва рақобатнокии бозори дохилӣ зиёд мешавад, сифати зиндагӣ ва беҳбудии мардум беҳтар мегардад. Инчунин ба афзоиши сармоягузориҳои бахши хусусӣ мусоидат намуда, барои рушди дигар соҳаҳо заминаи устувор фароҳам меорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум Барномаи давлатии сармоягузорӣ, грантҳо ва сохтмони асосӣ Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардидааст. Барномаи мазкур ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ, фондҳои донорҳо, буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳоро фаро гирифта, бештар соҳаҳои аҳамиятноки инфрасохтор-энергетика, нақлиёт, ирригатсия, обтаъминкунӣ ва соҳаҳои иҷтимоиро дар бар мегирад.

Давлат на танҳо тавассути манбаъҳои буҷетӣ, балки дар асоси механизми ҳамкории давлатӣ-хусусӣ метавонад дар сармоягузории лоиҳаҳои дарозмуддати давлатӣ дар рушди иқтисодиёт саҳмгузор бошад. Тавассути ин механизм бештари хароҷот аз ҳисоби корхонаҳои бахши хусусӣ сармоягузорӣ мешавад ва давлат ҳамчун назоратчӣ, танзимгар, кафолатдиҳандаи хавфҳо ва имтиёздиҳандаи андозҳо иншооти сармоягузориро ба уҳда мегирад.

Хулоса, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусиву соҳибкорӣ ва ҳамгирої ба иқтисоди ҷаҳонӣ яке аз ҳадафҳои муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, барои он дар кишвар шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

**Расулзода Давлатмо Бурӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии факултети молиявию иқтисодӣ**

# Саҳифаи донишҷӯ

## ВАТАН - САРЧАШМАИ ҲАСТИИ ИНСОН

***Ватан барои ҳар инсон на танҳо як мафҳуми ҷуғрофӣ, балки сарчашмаи ҳастӣ, худшиносӣ ва маънавият аст. Ин маконест, ки инсон чашм ба олами ҳастӣ мекушояд, бо забони модарӣ сухан гуфтанро меомӯзад, аввалин қадамҳои зиндагиро мегузорад ва арзишҳои инсонӣ дар қалбаш реша медавонанд. Аз ҳамин ҷост, ки муҳаббат ба Ватан ва муҳаббат ба Модар ҳамрадиф шуморида мешавад.***

Ватан таърих аст, хотира аст, ифтихор аст. Он сарзаминест, ки осори гузаштагонро дар худ нигоҳ дошта, аз насл ба насл мерос мегузорад. Ҳар кӯҳ, ҳар дарё, ҳар деҳа ва ҳар шаҳри он гувоҳи заҳмату талош, ранҷу умед ва орзуву ормонҳои мардум аст. Ин хотираҳои ҷамъшуда шахсияти инсонро ташаккул медиҳанд ва ба ӯ ҳисси тааллуқ ва масъулият мебахшанд.

Инсон бидуни Ватан мисли дарахтест, ки аз реша канда шудааст. Ҳарчанд метавонад дар ҷои дигар сабзад, аммо он гармӣ, он бӯй ва он неруеро, ки аз хоки аслии худ мегирад, дигар ҳаргиз пайдо намекунад. Ватан ба инсон неруи маънавӣ мебахшад, ӯро дар лаҳзаҳои душвор пуштибонӣ мекунад ва ба зиндагияш маъно медиҳад.

Дар шароити ҷаҳонишавии имрӯз, ки марзҳо шартӣ мешаванду фарҳангҳо ба ҳам меомезанд, ҳифзи ҳуввияти миллӣ ва арҷ гузоштан ба Ватан аҳамияти бештар касб мекунад. Маҳз худшиносии миллӣ ва эҳсоси ватандорӣ метавонад ҷавононро аз гум кардани решаҳои худ боздорад ва онҳоро ба сӯи созандагӣ, илм, фарҳанг ва пешрафт раҳнамоӣ кунад.

Ватанро танҳо бо сухан дӯст дошта намешавад. Муҳаббат ба он дар амал, дар омӯзишу меҳнати содиқона, эҳтиром ба қонун, ҳифзи табиат, пос доштани забон ва фарҳанг, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ифода меёбад. Ҳар амали неке, ки барои ободии кишвар анҷом дода мешавад, як қадами дигар дар роҳи тақвияти пояҳои давлат ва ҷомеа аст.

Имрӯз, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол роҳи рушди устуворро пеш гирифтааст, вазифаи ҳар як шаҳрванди бедордил он аст, ки худро ҷузъи ҷудонашавандаи Ватан бидонад.Ояндаи кишвар аз сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва масъулиятшиносии ҳар яки мо вобаста аст. Агар ҳар нафар дар ҷойи худ софдилона заҳмат кашад, Ватан низ шукуфон ва пойдор хоҳад буд.

Дар маҷмуъ, Ватан сарчашмаи ҳастии инсон аст ва мо аз он неру мегирем, бо он ифтихор мекунем ва барои ободияш вазифадор мебошем. Муҳаббат ба Ватан муҳаббат ба худ, ба гузашта ва ба оянда аст. Пас, биёед ин сарчашмаро пок, зинда ва пурфайз нигоҳ дорем, то наслҳои оянда низ аз он неруи зиндагӣ бигиранд, Ватанро дӯст доранд ва онро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд.



**Сабрина Муҳиддинова,**
**донишҷӯи курси 3-юми факултети педагогика ва варзиш**

## ҚУДРАТИ ВОҚЕИИ ДАВЛАТ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛАТ

***Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон зодаи даврони соҳибистиқлолӣ буда, барои сулҳу субoти кишвар, ваҳдати миллӣ, амнияти сарҳади давлатӣ ташкил гардида, сипари боэътимоди миллат ба шумор меравад.***

Вазъи имрӯзаи ҷаҳони муосир ба мо ҷавонон ҳушдор медиҳад, ки дар партави сиёсати ҷавонпарваронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини устувори сарҳади давлатӣ бетараф набошем. Чунки миллати тоҷик аз замонҳои қадим дорои фарзандони далер, шуҷоъ ва ватандӯсту ватанпарвар мебошад. Ин абармардони ҷасуру диловари халқи тоҷик барои ҳимояи марзу буми Ватан бо лашкари андаки хеш муқобили лашкари бузурги аҷнабиён муборизаҳои хунин бурдаанд.

Аз ҷумлаи онҳо Спитамен мебошад, ки бо лашкари чандсаднафараи худ муқобили лашкари бузурги Искандари Мақдунӣ муборизаҳои тулонӣ анҷом додааст. Ҳатто баъзе таърихшиносон бар он ақидаанд, ки Искандари Мақдунӣ ба ватандӯстиву ростқавл будани ин таҳамтани тоҷик дар назди мардуму меҳанаш ба ваҷд омада фармон медиҳад, ки сари Спитаменро аз тилло созанд ва доим ба лашкари худ ба мисли Спитамен содиқ будан дар назди Ватану миллатро таъкид мекард.

Артиши миллӣ рамзи ифтихори миллӣ ва ҳифзи сулҳу субот аст, ки таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба комёбиҳои бузург ноил шудааст. Артиши миллӣ барои мо ҷавонон нақши калидӣ дар тарбияи ватанпарастӣ ва сафарбарӣ ба дифои Ватан дорад.

Мо, ҷавонон бояд Ватану миллату давлати худро бо қиммати ҷон ҳифзу нигаҳдорӣ кунем ва нагузорем, ки нохалафе тинҷиву оромиву сулҳу суботи кишвари моро халалдор намояд.



**Аҳлиддин Меликов,**
**донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси забон ва адабиёти рус**

## РАҚАМИСОЗӢ – ОМИЛИ ТАҲАВВУЛОТИ СТРАТЕГӢ

***Дар шароити имрӯзаи ҷаҳони муосир, ки технологияҳои рақамӣ бо суръати бесобиқа рушд карда истодаанд, масъалаи ҳифзи иттилоот ба яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Тоҷикистон низ дар ин раванд қадамҳои устувору дурнигарона гузошта, таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди технологияҳои иттилоотӣ ва таъмини амнияти рақамӣ сиёсати мушаххасро роҳандозӣ намудааст.***

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки: «Бе рушди технологияҳои муосир, тараққиёти кишвар номумкин аст». Ин суханон имрӯз самти сиёсати давлатӣ ва стратегии рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии кишварро муайян месозанд.

Технологияҳои рақамӣ маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои рақамисозии иттилоот мебошанд, ки барои ҷамъоварӣ, таҳлил, интиқол ва ҳифзи маълумот истифода мешаванд. Ба онҳо компютерҳо, системаҳои рақамии иртиботӣ, шабакаи интернет, захираҳои электронии омӯзишӣ ва платформаҳои рақамӣ шомил мешаванд.

Бо ташаббуси Сарвари давлат Стратегияи рушди иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 қабул гардида, ҳадафҳои аслӣ дар самти рақамисозии идоракунӣ, беҳсозии хизматрасониҳои давлатӣ ва фароҳам овардани муҳити бехатари рақамӣ муайян шудаанд.

Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд, ки «Таҳкими иқтидори инсонӣ дар соҳаи рақамӣ ва таъмини ҳифзи иттилоот бояд ба сатҳи таҳсилоти олӣ ва илм баровардa шавад». Маҳз ба ҳамин хотир, Факултети технологияҳои рақамӣ ва ҳифзи иттилоот дар назди донишгоҳҳои кишвар таъсис ёфта, имрӯз садҳо ҷавонони лаёқатманд ба омӯзиши амиқи фанҳои марбут ба рақамисозӣ, криптография, шабакаҳои иттилоотӣ ва амнияти киберӣ ҷалб шудаанд.

Ҷавонон – нерӯи пешбарандаи ҷомеа ва нерӯи бунёдгари давлати муосир мебошанд. Имрӯз ҷавонони тоҷик бояд дар худ малакаҳо ва донишҳои муосирро дар соҳаҳои технологияи иттилоотӣ, барномасозӣ, шабакаҳои киберӣ, муҳити рақамӣ ва таҳлили маълумот ташаккул диҳанд, то дар оянда ҳамчун муҳандисону олимони рақамӣ дар хизмати халқу давлат бошанд.

Мо – ҷавонон, масъулияти бузург дорем, ки бо истифода аз имкониятҳои муосир, дониш ва ҷаҳонбинии замонавӣ, ба рушду пойдории давлат ва амнияти рақамии он саҳми хешро гузорем.



**Суҳайл Валиев,**
**донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси информатика, факултети технологияҳои рақамӣ ва ҳифзи иттилоот**

## ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ – КАФИЛИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

***Ташкилёбии қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пошхӯрии Иттиҳоди шуравӣ дар вазъияти ниҳоят душвори ҳарбӣ - сиёсӣ ташкил гардид. Ҳол он ки дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна қувваҳои мусаллаҳи худро дар заминаи биною иншооти амнияти ҳарбидошта таъсис дода, аз ҳисоби захираҳои ҳарбии шуравӣ техникаю аслиҳаи зиёдро соҳиб шуданд.***

Артиши миллӣ ва афсарони мо аз рӯзҳои аввали таъсиси худ баробари дар сангарҳо ҷангидан боз ба танзими сохтори ташкилию штатии хеш машғул шуданд. Заминаи моддию техникӣ метавон гуфт умуман вуҷуд надошт. Мутахассисони касбӣ ва кадрҳои таълимдидаю обутобёфтаи ҳарбӣ дар ҳама ҷанбаҳо намерасид. Ба ин мушкилиҳо нигоҳ накарда, ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои душвори муқовимати дохилӣ роҳи пурпечутоберо тай намуда, таҷриба андӯхт, дарси ҷангию муҳорибавиро омӯхт ва ба яке аз Артишҳои касбии минтақа табдил ёфт.

Чуноне, ки маълум аст, дар таъсисёбии Артиши миллӣ нарасидани базаи моддии техникӣ, кадрҳои ҳарбӣ ва мутахассисони соҳаи ҳарбӣ ба назар мерасид. Вале он новобаста аз шароити душвори солҳои ҷанги шаҳрвандӣ давра ба давра ташаккул ёфт. Дар ибтидо Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини соҳибистиқлолӣ ва ҳаёти осоишта, ягонагӣ ва суботи кишвар ҳамчун баталиёнҳои тирандоз фаъолият карда, қуввaю неруи худро барои муҳофизати сохти конститутсионӣ ба муқобили қувваҳои низоихоҳи ҷудоиангез равона карда тавонистанд. Минбаъд сохтори доимоамалкунанда ташкил гардида, дар ин доира қушунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва қушунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ таъсис дода шуд.

Давраи аз ҳама муҳим ин пас аз расидан ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба шумор меравад, ки дар сохтори ташкилию штатӣ тағйирот ворид гардида, вазифа ва таъиноти намудҳои амалкунандаи қувваҳои мусаллаҳ аз нав баррасӣ гардид. То ин дам ислоҳот дар қувваҳои мусаллаҳ идома ёфта, дар сохтори он намудҳои нави қувваҳои зудамал бе афзоиши теъдоди умумӣ таъсис дода шуд. Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ муттаҳид гардид, ки ба тағйирёбии вазъи ҳарбӣ-сиёсӣ мутобиқ гардонида, ба таҳкими қобилияти ҷангӣ ва омодагиҳои ҷангӣ равона карда шудааст.

Тоҷикистони мо ҳоло чун ҷавони сарупо ғайрату кӯшишу ҳиммат ва неруманду солиму бардам бо азми дучанд машғули бунёдкорист, то ҷашни камолоти 35- солагии худро бо дастовардҳои шоёну арзанда истиқбол намояд. Расидан ба қадри истиқлолият ва давлатдории мустақилона, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, эҳсоси ватанпарастӣ, бедории маънавӣ, ифтихори миллӣ, пос доштани арзишҳои миллӣ ва рамзҳои давлатдорӣ – ҳама дар ҷамъ моро ба сӯи бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳадафҳои нав мебарад. Муқаддасу бегазанд ва ҳамеша пойдору устувор нигоҳ доштани истиқлолияти давлатӣ – ин дастоварди бузург ва неъмати беҳамтои миллӣ вазифаи давлат ва рисолати ҷонии ҳар як шаҳрванди худшиносу худогоҳ, бонангу номуси Тоҷикистон ва Артиши Миллии кишвар мебошад.

**Мадалиева Санавбар,**
**магистри соли аввали ихтисоси таърихи кафедраи таърихи умумии ДДБ ба номи Носири Хусрав**

*Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки таъсири равандҳои хатарзои замони муосир ба фарҳангу афкор, ахлоқи ҷомеаи кишварҳои пешрафтаи олам таъсиргузор аст, тақвият бахшидани самти таълиму тарбия ва густариши ҳамкориҳои оила, мактаб ва ҷомеа аз муҳимтарин омилҳои ҳифзи фарҳангу арзишҳои миллӣ, пойдории суботи ҷомеа ва ҳидояти наслиояндаи кишвар ба ояндаи дурахшон арзёбӣ мегардад.*

Одобу ахлоқи ҳамида, фарҳанги волои хонаводагӣ тарбияи фарзандон дар рӯҳияи инсондӯстиву ватанпарварӣ аз муҳимтарин арзишҳои ҳаётӣ маҳсуб меёбанд, ки мояи ҳастии миллат ва поядагии он дар масири пуршебу фарози таърих буда, ниёгони мо ҳатто дар мушкилтарин санҷишҳои даврони бедавлативу ноамниҳо бо шарофати илму дониш ва фарҳангу ахлоқи ҳамида ҳуввияти худро ҳифз намудаанд.

# МОҲИЯТИ ҲАМКОРИҲОИ МАКТАБ, ОИЛА ВА ҶОМЕА



**Нурализода Наргис,**
**муовини ректор**
**оид ба тарбия**

Даврони Истиқлоли давлатӣ бо роҳнамоиву ҳидоятҳои хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат мо ба эҳёи дубораи арзишҳои миллӣ ва рушди фарҳангу маориф дар кишварамон ноил гардидем. Ҳамакнун, дар радифи рушду пешрафтҳои бузург дар ҳама самтҳои давлатдорӣ, таваҷҷуҳ ба илму донишандӯзӣ ва маърифатнокии аҳолӣ зиёд гардида, ба хотири баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, аз ҷониби роҳбарияти олии кишвар тадбирҳои ояндасоз рӯи кор омада истодааст.

Дар ин шабу рӯз, ки густариши ҳамкориҳои таълимгоҳҳо бо сохтору соҳаҳои марбута аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст, дар радифи мактабу ҷомеа, ҳамзамон, масъулияти оила ҷиҳати тарбияи ахлоқиву фикрӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи наврасону ҷавонон ба меҳнати ҷисмониву фикрӣ дучанд мегардад.

Пӯшида нест, ки яке аз сабабҳои асосии коҳиш ёфтани сатҳи донишу малака ва ҳам ахлоқу одоби баъзе наврасону ҷавонон ин пайваста ва мустаҳкам набудани робитаи оила бо мактабу таълимгоҳҳо аст, ки боиси мувофиқат накардани тарбияи таълимгоҳҳо бо тарбияи оила ва ҷомеа гардидааст. Бинобар ин, дар радифи тадбирҳои муҳим андешидашуда ҷиҳати баланд бардоштани кори таълиму тарбия, моро мебояд, ки фаъолияти ниҳоди оила, мактаб ва ҷомеаро дар ин самт ҳамоҳанг созем. Тақозои замони муосир ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳо ва ҳамоҳангсозии се ниҳоди муҳими тарбия - мактаб, оила ва ҷомеа буд, ки дар кишварамон Қонунҳои муҳиме, ба мисоли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақоми омӯзгор", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулият дар тарбияи кӯдак" ба тасвиб расид.

Таъмини беҳтарин шароиту имкониятҳои илму донишандӯзӣ, баҳрамандӣ аз хазинаҳои пурғановатӣ илму адаб, бунёду мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудани иншооти муассисаҳои фарҳангу маърифатнокӣ ва дигар тадбирҳои бобати баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия роҳандозигардида, мо омӯзгоронро водор менамояд, ки дар иҷрои рисолати бузурги бар зимма доштаамон, аз ҳарвақта бештару беҳтар саъю талош намоем.

Дар ин росто, ҳамрадифи таълиму тарбия боист, ки таваҷҷуҳи насли ояндаи моро ба ҳунаромӯзиву интихоби касбу пешаҳои барои рушду тааркқиёти кишварамон лозим тарғибу ташвиқ намоем. Зеро интихоби касби дӯстдошта ва майлу рағбати наврасон ба ҳунарҳои гуногун, онҳоро ба илму донишандӯзӣ таҳрик мебахшад. Дар ин масири пурифтхор, яъне рисолати таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон шахси омӯзгорро мебояд, ки илова ба саъю талош ҷиҳати таълими фаъоли шогирдон, ҳамвора, ба тарбияи хислату ташаккули афкори онҳо аҳаммият диҳад.

Бо дарназардошти ин нуктаҳои муҳим дар самти таълиму тарбия Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа муроҷиат карда, таъкид доштанд, ки ба масъалаи нигоҳубин ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон бо камоли масъулият муносибат намоянд. Ин ҳидоятро, ки Пешвои муаззами миллат зимни ироаи Паём изҳор доштанд, мову шумо омӯзгорон, падару модарон ва фаъолони ҷомеа сармашқи кору зиндагии хеш бояд қарор диҳем: "Агар мо хоҳем, ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда дошта бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд".

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ – МЕЪМОРИ АРТИШИ МИЛЛӢ



***Таърихи инсоният борҳо собит намудааст, ки артиши неруманду устувор, заминагузори комёбии халқу миллатҳои муваффақ ва давлатҳои бузург гардидааст. Пасманзари ҳаводиси таърихӣ нишон дод, ки замоне артиш неруманду ҷасоратпеша мешавад, ки барои фарзандони он марзу буми Ватан ва арзишҳои инсонӣ муқаддасу гиромӣ бошанд.***

Тоҷикон дар дарозои таърих ҳамчун миллати куҳанбунёд ва ватандору давлатофар ба ҳисоб рафта, ҳамеша барояшон ҳифзи номус, марзу буми аҷдодӣ, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллӣ муқаддас арзёбӣ мегардид. Ҳамин буд, ки бо вуҷуди ҳамлаҳои зиёди истилогарони аҷнабӣ фарзандони огоҳи ин миллат аз чунин муқаддасот ҳамчун гавҳараки чашм ҳимоят намуданд.

Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX барои халқи тоҷик воқеаҳои тақдирсози таърихӣ ба вуқуъ омад. 9 сентябри соли соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатии худро эълон намуд. Ин мустақилияти комил ва соҳибихтиёрии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, барои давлати тоҷикон имкониятҳои навро ба вуҷуд овард. Дар ҳаёти Тоҷикистон дар ин давраи нави таърихӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти давлатдорӣ дигаргуниҳои сохторӣ, ислоҳоти низомӣ оғоз гардид. Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон аз нав ташаккул ёфта, дараҷаи касбии кормандони сохторҳои қудратӣ ва низоми ҳуқуқии мамлакат сол аз сол баландтар гардид. Яке аз марҳилаҳои асосии рушди Артиши миллии тоҷикон ин даврони соҳибистиқлолӣ мебошад. Фазои ғуборолуде, ки кишвари моро пас аз истиқлол фаро гирифт, аз ҳар ҷониб барои маҳви давлати навини тоҷикон таҳдид менамуд. Қувваҳои аҳриманӣ тавассути неруҳои дохилию хориҷӣ бо роҳҳои гуногун ҷиҳати шикаст додани таҳкими давлатдории тоҷикон монеаҳои сунъӣ эҷод карда, дар талоши он буданд, ки чархи айёмро ба коми хеш гардон намоянд. Дар чунин айёми ҳассосу мушкил роҳбарияти навини Тоҷикистон дарк намуд, ки устувории пояи давлат маҳз марбут ба низоми муттаҳидии Артиши миллист. Аслан ислоҳоти ҳарбӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, пас аз Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибтикори роҳбарияти нави ҷумҳурӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардид. Далели ин гуфтаҳо қабули аввалин қарор аз ҷониби Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 декабри соли 1992 ба ҳисоб меравад.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи "Фронти халқӣ" ва қувваҳое, ки Ҳукумати Конститутсиониро ҷонибдорӣ мекарданд, таъсис ёфт. Роҳбарияти кишвар генерал- майор Александр Шишлянниковро аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Тоҷикистон даъват намуда, аввалин вазири мудофиаи мамлакат таъйин намуданд. Дар ин замина, аввалин паради ҳарбии мамлакат дар шароити номусоид ва тоқатфарсо рӯзи 23- уми феврали соли 1993 баргузор гардид. Аз ин рӯ, рӯзи 23-уми феврал рӯзи таъсиси Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда шуд.

Ҳамин тавр, таъсис ва ташаккули Артиши миллии Тоҷикистон дар як давраи хеле буҳронӣ ба вуҷуд омад. Барои таъсиси босамари Артиши миллӣ ягон заминаи моддию техникӣ вуҷуд надошт. Сарфи назар аз ин мушкилиҳо ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои душвори муқовимат, роҳи пурпечутоберо тай намуда, таҷриба андӯхт ва ба яке аз артишҳои касбии минтақа табдил ёфт. Аммо, то ба як нерӯи пуриқтидор табдил ёфтани Артиши миллии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чанд марҳилаи такомул ва рушдро паси сар намуд. Аз рӯи таҳлили коршиносони соҳа давраи таъсис ва ташаккули Артиши миллии Тоҷикстонро метавон ба се давра ҷудо намуд.

Марҳилаи аввал, солҳои 1993-1994-ро дар бар мегирад. Дар марҳилаи зикршуда, мақсад ин ташкили артиш ва ташаккули неруи ҳарбии он буд, ки ба ҳифзи музаффариятҳои истиқлолият қодир бошанд, озодии шаҳрвандон ва мухторияту амнияти кишварро таъмин намояд. Соли 1994 ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа қариб тамоми ҳудуди ҷумҳуриро таҳти назорат гирифтанд.

Солҳои 1994-1996 марҳилаи дуюми ташаккули сифатан нави артиш оғоз ёфт. Дар ин давра, дар Артиши миллӣ Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ, Қӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ ташкил карда шуданд. Ба таъсиси Қӯшуни таъйиноти махсус аҳаммияти ҷиддӣ дода шуд. Соли 1995 дар заминаи як бригадаи таъйиноти махсус Гвардияи миллӣ ташкил карда шуд.

Давраи сеюми ташаккули артиш аслан пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ (соли 1997) оғоз ёфт. Дар ин марҳила бо ёрии бевоситаи дастгоҳи машваратчиёни Русия дар Артиши миллӣ намудҳои нави қӯшун таъсис дода, усулҳои самарабахши идоракунӣ, омодагии ҷангӣ ва амалиёти он ба роҳ монда шуданд. Айни замон Артиши миллӣ аз се намуди қӯшун: Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбӣ – ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қӯшунҳои зудамал иборат аст.

Гузашти рӯзгор собит намуд, ки воқеан Артиши миллии Тоҷикистон имрӯз ба як неруи пуриқтидори ҳарбӣ ва мактаби ҷасорату мардонагӣ табдил ёфтааст. Дар ҳақиқат, давоми 35 соли соҳибистиқлолӣ Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии кишвар, инчунин ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи омодагии ҳарбӣ, беҳтар гардонидани шароити моддию техникӣ ва вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ғамхории пайваста зоҳир намуданд.

Бояд қайд намуд, ки меъмори Артиши миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шумор меравад. Чунки маҳз бо дастгиривy талошҳои зиёди Пешвои миллат имрӯз Артиши миллии кишвар дар минтақа, яке аз артишҳои мукаммали замонавӣ ба шумор меравад.

**Халилзода Давлаталӣ,**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор,**
**узви ИЖТ,**
**подполковники мустаъфӣ**



*Нақлиёт ва логистика дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ нақши калидӣ дошта, интиқоли молҳо ва одамонро таъмин мекунанд. Солҳои охир як қатор соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи Ҷумҳурӣ, аз ҷумла нақлиёт, ба мушкилот рӯ ба рӯ шудааст, урбанизатсия, афзоиши ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашӣ ва зарурати коҳиш додани таъсири гази карбон омилҳои асосӣ ба шумор мераванд.*

# ОЯНДАИ НАҚЛИЁТ ВА ЛОГИСТИКА



Ин мушкилот ба дигарсозии рушди технологияҳои нав ва қарорҳои инноватсионӣ оварда мерасонанд, киояндаи нақлиёт ва логистикаро муайян менамоянд. Афзоиши зичии аҳолӣ дар шаҳрҳо зиёд мегардад, ки ба инфрасохтори нақлиёт бори иловагӣ меорад. Афзоиши ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашӣ барои расонидани мол ва мусофирон ҳалли муассиртар ва зудтарро талаб мекунад. Ғайр аз он, зарурати паст кардани таъсири гази карбон дар робита бо тағйирёбии глобалии иқлим, талабот ба устувории экологиро тарафт муҳимтар мегардонад.

Дар чунин шароит автомобилҳои автономӣ (ATV) ба туфайли рушди зеҳни сунъӣ ва технологияҳои ҳассос тарафт маъмултар мешаванд. ATV-ҳо қодиранд бидуни иштироки ронанда мустақилона ҳаракат кунанд, ки метавонанд бехатарии роҳҳоро ба таври назаррас афзоиш диҳанд ва хароҷоти интиқолро кам кунанд. Масалан, ширкатҳо ба монанди Waymo ва Tesla, инчунин ширкатҳои Хитоӣ автомобилҳои (мустақил) худкорро фаъолона таҳия ва озмоиш мекунанд.

Автомобилҳои автономӣ барои гирифтани маълумот дар бораи муҳити зист сенсорҳои гуногун, аз қабили радарҳо ва камераҳоро истифода мебаранд. Ин маълумот тавассути алгоритми омӯзиши автомобил коркард карда шуда, дар вақти воқеӣ имконияти қарори дуруст қабул карданро фароҳам меоранд. Таъминоти барномавӣ ATV садамаҳои нақлиётиро, ки аз омили инсонӣ ба вуҷуд омадаанд, коҳиш дода метавонад ва амнияти умумии роҳҳоро беҳтар месозад.

Барои рушди устувори иқтисодиёти сабз автомобилҳои барқӣ (EV) алтернативӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза ба автомобилҳои сабукравӣ бо муҳаррики дарунсӯз мебошанд. Бо дарназардошти рушди технологияи батарея ва афзоиши инфрасохтори пуркунандаи барқ, автомобилҳои барқӣ торафт дастрастар ва маъмултар мешаванд. Tesla, Nissan ва дигар ширкатҳои автомобилсозон моделҳои нави худро фаъолона таҳдил мекунанд, ки ба коҳиши партовҳои CO2 ва беҳтар шудани сифати ҳаво мусоидат мекунанд. Автомобилҳои барқӣ муҳаррикҳои барқиро истифода бурда,бо энергияи дар батареяҳо ҳифзшуда кор мекунанд. Батареяҳои муосир иқтидори баланд доранд ва ба автомобилҳо имконият медиҳанд, ки дар як заряд масофаҳои назаррасро тай кунанд. Рушди инфрасохтори истгоҳҳои пуркунандаи барқ истифодаи автомобилҳои барқиро барои истеъмолкунандагон қулайтар ва ҷолибтар мекунад.

Рақамисозии логистика ва истифодаи зеҳни сунъӣ (Blockchain), ки дар нақлиёт васеъ амалӣ шуда истодааст, ба рушди он шароит фароҳам оварда, такони ҷиддӣ дод.

"Blockchain" технологияи феҳристи тақсимшудае мебошад, ки шаффофият ва амнияти амалиётҳо таъмин мекунад. Дар логистика, blockchain барои пайгирии ҳаракати молҳо, мусофирон, идоракунии занҷирҳои таъминот ва пешгирии аз қаллобон истифода мешаванд. Масалан, ibm платформаи TradeLens-ро таҳия кардааст, ки blockchain-ро барои беҳтар кардани самаранокӣ ва бехатарии ҳамлу нақли борҳо истифода мебаранд.

Blockchain имконият дорад, ки дар бораи ҳар як транзаксия сабтҳои бетағйир эҷод кунад ва маълумотро барои ҳамаи иштирокчиёни занҷири таъминот дастрас кунад. Чунин ҳолат ба афзоиши эътимоднокӣ байни шарикон мусоидат намуда, ба коҳиш додани хатари қаллобӣ оварда мерасонад. Татбиқи blockchain дар логистика инчунин вақт ва коркарди ҳуҷҷатҳоро кам карда, равандҳоро самаранoктар мекунад.

Зеҳни сунъӣ (AI) дар автоматикунонӣ ва такмилдиҳии равандҳои логистикӣ нақши муҳим мебозад. AI –ро барои пешгӯии талабот, банақ-шагирии хатсайрҳо ва идоракунии инвентаризатсия истифода бурдан имконият дорад. Масалан, ширкати Amazon зеҳни сунъиро (AI) барои такмили амалиёти логистикии худ фаъолона истифода мебарад, ки чунин ҳолат барои маҳсулотро ба муштариён зудтар ва самараноктар расонидан имконият медиҳад.

Алгоритмҳои зеҳни сунъӣ (AI) миқдори зиёди маълумотро таҳлил карда метавонанд, инчунин намунаҳои пинҳоншударо ошкор мекунанд, ки ба қабули қарорҳои огоҳона имкон медиҳад. Масалан, зеҳни сунъӣ талаботро ба молҳо дар минтақаҳои гуногун пешгӯӣ карда метавонад, барӯйхатгириро такмил медиҳад ва хароҷоти нигоҳдориро кам мекунад. Тадбиқи зеҳни сунъӣ дар логистика ба дақиқӣ ва суръати амалиёт мусоидат мекунад.

Хулоса, метавон гуфт, киояндаи нақлиёт ва логистика бо рушди технология ва хоҳиши нигоҳдории устувор муайян карда мешавад. Навовариҳо ва истифодаи технологиҳои муосир ба монанди автомобилҳои автономӣ, барқӣ дар тағирёбии соҳа нақши калидӣ хоҳанд дошт. Рушди устувор ва истифодаи технологияҳои сабз ва манбаъҳои алтернативии энергия барои эҷоди системаҳои нақлиёти сабз ва муосир замина фароҳам меорад.

**Бахтиёр Муминов,**
**Сафарбек Абдуллоев,**
**омӯзгорони факултети техникӣ ва технологӣ**

---

**АМНИЯТИ МИЛЛӢ**

*Пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дар тули солҳои Истиқлоли давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд.*

# ПЕШГИРИИ ШОМИЛШАВИИ ҶАВОНОН БА ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ НОМАТЛУБ

Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризмро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии худ ва тамоми ҷаҳониён зери таваҷҷуҳи махсус қарор дода, барои тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳои муштарак дар ин самт чораҳои таъхирнопазир меандешад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид менамоянд, ки "Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ узви ҷомеаи ҷаҳонӣ буда, дар ҷараёни таҳаввулоти босуръати ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёт қарор дорад, вале терроризм ва ифротгароӣ пеш аз ҳарвақта авҷ гирифта, бо оқибатҳои даҳшатбору бераҳмонаи худ ба проблемаи ҷиддитарини инсоният дар асри XXI табдил ёфтааст".

Новобаста аз он, ки халқи тоҷик дар даврони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ оид ба хатарҳои мудҳиши терроризм ва экстремизм сабақи таърихӣ гирифта, ин падидаҳои манфии ҷомеаро ҳамчун амалҳои "аҳриманӣ" маҳкум менамояд, то ҳол масоили пешгирии гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ пурра ҳалли худро наёфтааст.

Аз тадқиқотҳои илми криминалогия ба мо маълум аст, ки барои пешгирии ҷиноят, аз ҷумла ҷиноятҳои хусусияти террористӣ, экстремистидошта омӯхтан ва ошкор кардани решаҳо, сабабҳо, ангезаҳо, шароиту омилҳои содиршавии онҳо нақши калидиро мебозад.

Ба ақидаи аксари муҳаққиқон, ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон, рӯзноманигорон экстремизм пештару бештар аз ҳама дар соҳаи дин дучор мегардад ва ин падида дар тамоми гӯшаву канори сайёраи мо ба амал меояд. Имрӯз мубориза бар зидди ҷиноятҳои ва шомилшавии ноболиғон ва ҷавонон вазифаи дастаҷамъонаи тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва шаҳрвандони кишвар ба шумор меравад.

Бетарафӣ нисбати ин падидаи номатлуб барои рушди минбаъдаи кишвар халали ҷиддӣ ворид намуда, ба ваҳдати миллӣ, Истиқлоли давлатӣ ва бехатарии кишвар таҳдид менамояд.



**Қ. Изатуллозода,**
**омӯзгори кафедраи химияи умумӣ ва ғайриорганикӣ**

---

# ЭЪЛОН

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои ишғоли вазифаҳои зерин озмун эълон менамояд:**

1. **Саромӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ - 1 ҷой.**

**Хоҳишмандон метавонанд ҳуҷҷатҳои худро тӯли як моҳ, баъд аз интишори эълон, ба шуъбаи илм ва инноватсияи донишгоҳ пешниҳод намоянд.**

Дониш андар кони ҷонат гавҳар аст! Носири Хусрав
**Фурӯғ**
Нашрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**МУАССИС: ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**ҚУРБОНЗОДА МАҲМАДАЛӢ РАҲМАТ,** Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

**ҲАМДАМЗОДА ХУРСАНД,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълим

**ҲУКМИДДИН САФАРБЕКЗОДА,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм

**НАРГИС НУРАЛИЗОДА,** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбия

**РУСТАМ ТАҒОЙМУРОДОВ,** доктори илмҳои филологӣ, профессор

**ГАДОЗОДА АБДУКИБОР,** доктори илмҳои таърих, профессор

**БОЛТАЕВ МАЛИК,** номзади илмҳои кимиё, дотсент

**АҲМАДОВ САФАРМАД,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**МУҲАРРИР: НАИМЗОДА ҚУДРАТУЛЛО**

Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва дурустии арқому далелҳо бар дӯши муаллифон аст. Матолиби муаллифони беруна дар ҳаҷми то 3 саҳифа бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14 пазируфта мешавад.

*Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №399/РЗ-97 аз 27 ноябри соли 2023 аз нав ба қайд гирифта шуда, аз 1 сентябри соли 2000 нашр мешавад.*

Рӯзнома ҳар ҳафта як маротиба ба забони тоҷикӣ нашр мешавад.

**НИШОНӢ:** ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 67
**ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНӢ:** furugh2000@mail.ru

Ҳафтанома дар матбааи ҶДММ «Аниса-95» чоп шудааст.

**Адади нашр: 11263 нусха**

*Ба чопаш 20. 02. 2026 иҷозат дода шуд.*